Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи диссертант Шарифбек Шарифзода яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба шароити кунунии тараққиёт ва рушди ҷомеа мебошад. Бояд қайд намоем, ки мақсади ҳар як ҷомеа ва давлат, инчунин роҳбарияти сиёсии он ташкилу таъмини ҳаёти арзанда ва осудаву оромӣ ва некаҳволии миллат мебошад. Вале барои расидан ба ин ҳадафҳо ғайриихтиёр дар ҳаёт монеаҳои зиёде пеш меоянд, ки ҷиҳати пешгирию бартараф намудани онҳо кӯшишҳои дастаҷамъона лозим аст.

Мавриди зикр аст, ки инсоният имрӯз ба хатарҳои нави глобалӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва дигар хатарҳо рӯ ба рӯ гаштааст. Айни замон ба ин хатарҳо боз коррупсия низ зам шудааст. Коррупсия аз омилҳое мебошад, ки зарари он нисбат ба хатарҳои зикршуда камтар нест ва ба онҳо алоқамандии зич дорад.

Бинобар ин, қабули санадҳои байналмилалӣ, бахусус Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия", дигар қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ маҳз ба хотири муқовимат ба коррупсия, пешгирии сабаб ва омилҳои ба пайдоиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва решакан намудани онҳо таҳия гардида, нақши созгор доранд.

Илова ба ин таҳияи рисолаҳои илмӣ, хулосаву тавсияҳои судманд дар ин самт метавонанд, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда таъсири мусбии худро расонанд.

Ба ақидаи муаллиф омӯзиши сабабҳои содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ нишон медиҳад, ки ин номгӯйи ҷиноятҳо ба монанди дигар ҷиноятҳо вобаста ба омилҳои криминогенӣ, ба сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва идеологӣ ҷудо мешаванд.

Бинобар ин, муҳаққиқ сабаби зиёд гаштани омилҳои коррупсиониро бештар ба шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин номукаммалии бархе аз қонунҳо рабт дода, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат ва асоснокро тақозои замон ҳисобидааст.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Дар автореферати диссертатсия таҳлилҳои омории ҷиноятҳои коррупсионӣ дарҷ гардида, муаллиф дар робита ба ин пешниҳод намудааст, ки бо назардошти тамоюли зиёдшавии ҷиноятҳои коррупсионӣ зарур аст, ки қонунгузории соҳавӣ, чорабиниҳои давлатии зиддикоррупсионӣ, назорати дурусту саривақтӣ, холисона баҳогузорӣ намудани фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо ва ғайра такмил ва тақвият дода шаванд.

Хулосаю тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант масъалаи рӯзмарра ва актуалиро дар бар гирифта, ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Зеро аз рӯйи таҳлилҳо бармеояд, ки афзоиш ёфтани ин номгӯйи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ба иқтидори иқтисодии мамлакат таъсир расонида, пешрафти соҳаҳои мухталиф ва боварии шаҳрвандонро ба қонунҳои давлат, шахсони мансабдори давлатӣ ва ояндаи хушу хуррам заиф мегардонад.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Шарифбек Шарифзода яке аз мавзуъҳои рӯзмараи ҷомеа ба ҳисоб рафта, масъалаҳои дар автореферат зикргардида ва сохтори таҳқиқот пай дар пай бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст, ки натиҷаи таҳкиқоти анҷомдодашуда барои соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳаҷми умумии автореферати диссертатсия 32 саҳифаро дар бар гирифта, муаллиф паҳлӯҳои гуногуни мавзуи матраҳшавандаро аз рӯйи таҷрибаи фаъолият дар ин самт бисёр хуб омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр расонидааст.

Ғайр аз ин, маърӯза ва баромадҳои алоҳидаи дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа намудаи муаллиф, ки дар автореферат пешбинӣ гардидаанд, гувоҳӣ аз масъулияти баланди таҳияи корҳои илмӣ дар самти пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда мебошад.

Бинобар ин, таҳлили автореферати диссертатсияи Шарифзода Ш.М., аз он шаҳодат медиҳад, ки он дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузоштаашударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд.

1. Таҳқиқбаранда дар автореферати худ дар бахши чораҳои махсуси муқовимат ва ё пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, таҳияи чораҳои алоҳидаи пешгирикунандаро дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тақозо намудааст. Нуктаи назари иброзшуда баҳсталаб буда, зимни ҳимояи ошкорои диссертатсия, фикри иловагии муаллифро роҷеъ ба масъалаи мафҳум ва мазмуни хулосаи дар боло зикргардида, мехостем фаҳмем.

2. Муаллиф дар боби 2, зербоби 2.1. яке аз омилҳои сиёсии ҷинояткории коррупсиониро аз набудани назорати муассири парлумонӣ аз болои вазъи коррупсияи мансабдорони баландпояи давлатӣ арзёбӣ намудааст. Пеш аз ҳама ин хуб аст, ки мақоми олии қонунгузор дар амал татбиқ гардидану риояи дуруст ва дақиқи қонунҳои қабулгардидаро назорат барад. Аммо аз муаллиф мехостем фаҳмем, ки назорати меъёрҳои қонунгузорӣ тибқи қонунҳои амалкунанда ба салоҳияти парлумони кишвар алоқамандӣ дорад ё не?. Зеро масъалаи мазкур дар автореферати диссертатсия тафсир нашудааст. Аз ин лиҳоз, мехостем нуктаи назари муаллифро оид ба ин масъала дар ҳимояи ошкорои диссертатсия шунида бошем.

Мулоҳизаҳои мазкур ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Шарифзода Шарифбек Мурод ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ ва ихтирокорӣ нишон додааст.

Бинобар ин, диссертатсия ба талаботи нававарии муқаррароти илмӣ ҷавобгӯ буда, кори илмӣ мустақилона ба анҷом расонидашуда ба ҳисоб рафта, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок ва барои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоидро фарҳам меоварад.

Гузашта аз ин, таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ш.М., дар шароити муосир муҳим ва зарур мебошад ва ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм дар бар гирифта, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ буда, муаллифи рисола Шарифзода Ш.М., сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Прокурори ҳарбии гарнизони Бохтар,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**
**полковники адлия** **Тоҳирзода Н.У.**

**Имзои Тоҳирзода Н.У-ро тасдиқ мекунам:**
**сардори шуъбаи кадрхо, ташкили кор**
**ва омори Сарпрокуратураи ҳарбии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**полковники адлия** **Ҷуразода Қ.Б.**
«_1_» ___02___ 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, Прокуратураи ҳарбии гарнизони Бохтар, кучаи Айни №15 тел.: (832 22) 24624, toirov_n_u@mail.ru